# ТАҚРИЗИ

**Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои таърих Ф.Т. Бобозода ба диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)**

Диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим ба яке аз мавзуи мубрам бахшида шуда, аҳамияти назариявию амалии илмӣ дорад. Омӯзиши мавзуи ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ яке аз масъалаҳои муҳимми замони муосир ба ҳисоб меравад. Муҳақиқ дар дар асоси сандҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, созишномаҳои байнидавлатӣ ва адабиёти дастрасгардида мавзуи зикргардидаро дар асоси таҳлили муқоисавӣ мавриди оӯзиш ва таҳлил қарор додааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021)» ба ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Муҳиммияти диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар он таҷассум меёбад, ки гарчанде паҳлуҳои мавзуъ дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошад ҳам, аммо то ҳол таҳқиқоти илмии мустақил ва фарогир оид ба «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021)» ва давраҳои ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳо дар асоси таҳлили муқоисавӣ анҷом наёфтааст. Инчунин, ташаккул ва таҳаввули сиёсати хориҷии Точикистон ва Қазоқистон бо ҳамдигар шабеҳи зиёд дошта, тахлил ва муқоисаи оҳо бамаврид granted дониста мешавад.

Маҳз набудани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи диссертатсионӣ дар ин самт аҳамияти илмию амалии мавзуъро бештар намуда, зарурати омӯзиши амиқи ин масъала ва таҳияи моделҳои назариявии ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамта дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироти глобалиро ба миён мегузорад.

Диссертант дар асоси таҳлили мукаммал ва ҷанбаҳои муқоисавии рушди сиёсати хориҷии ин ду давлат масъалаҳои асосии ташаккули стратегияи бисёрсамтаро баррасӣ намуда, равандҳо ва омилҳои таъсиррасонро шарҳ додааст.

**Дараҷаи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии рисолаи мазкур аз он иборат аст, ки бори аввал дар асоси сарчашмаҳои мухталиф ва адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, масъалаи ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991 – 2021) дар доираи таҳлили муқоисавӣ мавриди таҳқиқ гирифтааст Диссертант равандҳои асосӣ, омилҳои таъсиргузор ва хусусиятҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаро мавриди омӯзиш ва баррасии илмӣ қарор додааст. Умумият ва фарқияти ташаккули хадамоти дипломатӣ ва сиёсати хориҷии ҳар ду давлат дар замони соҳибистиқлолӣ омӯхта шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи васеи назарияҳои олимону коршиносони ватанию хориҷӣ ва такя ба манбаъҳои муътамад асоснок мегардад. Дараҷаи баланди эътимоднокӣ аз асоснокии маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, фарогирии сарчашмаҳои гуногун, таҳлили муқоисавӣ ва татбиқи методҳои муосири таҳқиқотӣ бармеояд. Дар асоси таҳлили дақиқу саҳеҳ ва омӯзишу таҳлили илмии далелнок хулосаҳои мушаххас баровардa, ҳамчунин тавсияҳои мақсаднок ҷиҳати беҳтар намудани рушди хадамоти дипломатӣ ва сиёсати хирҷии кишварҳо пешниҳод шудаанд.

Унвонҷӯ бо истифода аз методҳои таҳлилӣ ва муқоисавии муосир равандҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии онро таҳлил намудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти** диссертатсионии Комилзода Насим Иброҳим дар таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи равандҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони соҳибистиқлолии кишварҳо таҷассум меёбад. Диссертант хулосаҳои илмии мустақил пешниҳод намуда, омилҳои асосии таъсиргузор, тамоили рушд ва хусусиятҳои хосси ин равандро муайян кардааст.

Арзиши илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он на танҳо холигии илмии мавҷударо пурра менамояд, балки барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти таърихӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ заминаи устувор фароҳам меорад.

Коркарди назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба принсипҳои таҳлили таърихӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ асос ёфта, имконият медиҳад, ки хусусиятҳои хосси сиёсати хориҷии бисёрсамта дар шароити тағйирёбандаи ҷаҳони муосир арзёбӣ гарданд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳияи стратегияи сиёсати хориҷӣ, таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва фаъолияти амалии ниҳодҳои марбута мавриди истифода қарор гиранд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, тавсияҳо, хулоса ва номгӯи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамии мавзуъ асоснок карда шуда, сатҳи таҳқиқи он, объект ва мақсади таҳқиқ, инчунин вазифаҳои асосии тадқиқот дар якҷоягӣ бо асосҳои методологӣ ва назариявӣ, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии довталаб ва сохтори рисола муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Истиқлоли давлатӣ: замина ва марҳалаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон (солҳои 1991 – 2000)»** номгӯзорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум **«Ташаккули самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳқиқ шудааст, ки махсусияти асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар заминаи ташаккули асосҳо ва муқаррароти стратегӣ, ки ҳамчун унсурҳои калидии сиёсати хориҷии кишвар дар солҳои аввали истиқлоли давлатӣ буданд, дар бар мегирад. Инчунин, заминаҳои таъсису рушди хадамоти дипломатӣ ва сиёсати хориҷии кишвар дар солҳои аввали касби истиқлоли давлатӣ омӯзиш ва таҳлил гардидааст.

Зербоби дуюми боби якум **«Самтгирии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX»** мебошад, ки самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон пас аз фурӯпошии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва муваффақиятҳои он дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар марҳалаи аввали ташаккули сиёсати хориҷии кишвар мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Шаклгирии сиёсати хориҷии Қазоқистон дар ин давра, бо назардошти омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун як ҷузъи муҳим ва мураккаб дар равандҳои муносибатҳои байналмилалӣ арзёбӣ мешавад.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар ибтидои асри XXI (солҳои 2001 – 2015)»** мебошад, ки ду зербоби ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад.

Зербоби якуми боби дуюм **«Зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон дар ибтидои ҳазораи сеюм»** унвон

дошта, ба таҳлили заминаҳои зарурии рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали асри XXI, инчунин таъсири омилҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ба равандҳои сиёсати хориҷии кишвар бахшида шудааст. Ҳамчунин, бо эълон намудани сиёсати хориҷии дарҳои кушода рӯ овардан ба сиёсати хориҷии бисёрсамта мавриди омузиш ва баррасӣ қароро дода шудааст.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия, ки унвони **«Заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон ва таҳаввули он»**-ро дорад, ба таҳлили омилҳои асосии таъсиргузор дар ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар ибтидои асри XXI бахшида шудааст. Дар ин зербоб, рушду таҳаввулоти сиёсати хориҷии Қазоқистон, таъсири вазъи ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва сиёсии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба самтгирии сиёсати хориҷии кишвар ва инчунин стратегияи муносибатҳо бо кишварҳои минтақа ва созмонҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Натиҷа ва дурнамои сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон»** ном дорад ва аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби сеюм, ки **«Марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон»** ном дорад, ба таҳлили марҳалаҳои гуногуни рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтаи ҳар ду кишвар дар даврони истиқлол бахшида шудааст. Дар ин зербоб, сабабҳо ва омилҳои таъсиррасон ба ташаккул ва таҳаввулоти сиёсати хориҷии ҳар ду давлат дар робита ба манофеи миллӣ, геополитикӣ ва таҳаввулоти ҷаҳонӣ баррасӣ шуда, марҳалаҳои ташаккули сиёсати хориҷии хар ду кишвар таҳлил ва баҳодиҳӣ карда шудааст.

Зербоби дуюми боби сеюм **«Дастовардҳо ва дурнамои рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо»** ном дорад, ки натиҷаҳои аслӣ ва дастовардҳои муҳим дар роҳи ташаккул ва инкишофи сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар назар гирифта мешаванд. Ин зербоб, ба таҳлили таҳаввулоти даврони истиқлол ва муваффақиятҳои сиёсати хориҷии ҳар ду кишвар дар соҳаҳои гуногун, ба монанди ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ва омӯзиши ташаббусҳои байналмилалии ҳар ду кишвар, дурнамои рушди сиёсати хориҷии онҳо ва натиҷаи сиёсати бисёрсамта бахшида шудааст.

**Дар хулосаи диссертатсия,** натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои муҳим ва пешниҳодҳои муаллиф барои таҳқиқоти минбаъда дар мавзуи ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон пешниҳод мешаванд. Муаллиф, дар

асоси натиҷаҳои бадастомада, якчанд хулосаҳои илмию амалиро вобаста ба сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо пешниҳод менамояд, ки метавонанд барои рушд ва таҳқиқоти оянда дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварҳои минтақа ва ҷаҳон истифода шавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда аз он иборат аст,** ки унвонҷӯ дар самти таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ бори нахуст дар мавзуи мазкур таҳқиқоти илмии амиқ ва таҳлили муқоисавӣ гузаронида, хулосаҳои дақиқ ва назариявии илмӣ пешниҳод кардааст. Ин таҳқиқот барои дарки масъала ва таҳқиқи минбаъдаи он аҳамияти назаррас дорад ва барои рушди илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди сиёсати хориҷии давлатҳо заминаи муҳим фароҳам меорад.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таърихии таҳқиқот, ки самтҳои асосии сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро дар давраи истиқлол таҳлил намуда, хулосаҳои нав ва нуктаҳои муҳим дар бораи рушд ва таъсири омилҳои гуногун ба сиёсати хориҷии кишварҳо ба вуҷуд овардаанд ва дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқро метавонанд олимони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсатшиносӣ, таърих, кормандони соҳаи дипломатӣ ҳангоми фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалӣ мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд.

Маводи таҳқиқии диссертатсияро метавон, дар рафти навиштани монография ва асарҳои илми оид ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон ва кишварҳои минтақа истифода намуд. Инчунин, метавон дар рафти тартиб додани маводи таълимӣ истифода кард.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшаванда.** Унвонҷӯ дар рафти таҳқиқи мавзуъ 9 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки аз ин 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки тахти риояи меъёрҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо интишор шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.**

Диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» ба пуррагӣ бо талабот ва меъёрҳои муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Мавзуи диссертатсия бо истифода аз

манбаъҳои илмии ҷойдошта ва таҳлилҳои амиқ таҳқиқ гардида, натиҷаҳои мукаммал ва дақиқ пешниҳод шудаанд.

Диссертатсия ба як маҷмуаи муҳим ва мантиқӣ аз бардоштҳои илмии муаллиф табдил ёфта, дар ҳар як банд ва таълифоти довталаб бо истиноди аниқ ва саривақтӣ манбаъҳо ва сарчашмаҳои илмии зарурӣ оварда шудаанд. Ин мутобиқан бо талаботи илмии марбут ба диссертатсияҳои номзадии КОА ва муҳаққиқони соҳавӣ ҷавобгӯ аст.

Довталаб дар ин таҳқиқот дониш ва қобилиятҳои илмию методологиро дар самти таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва таҳлилҳои сиёсати хориҷӣ, бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиёти илмию таҳлилӣ истифода намудааст. Аз ин рӯ, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда мувофиқ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия камбудию норасоиҳои ислоҳталаб ба назар мерасад:

1. **Сарчашма ва адабиёти олимони хориҷӣ кам истифода шудаанд:** Дар баъзе ҷабҳаҳо, истифодаи манбаъҳои байналмилалӣ ва сарчашмаҳои хориҷӣ маҳдуд ба назар мерасад, ки истифодаи онҳо метавонад ба васеъ кардани доираи таҳқиқот кӯмак кунад.

2. **Ҳамаи соҳаҳо дар алоҳидагӣ ва ба пуррагӣ таҳлил карда нашудаанд:** Дар баъзе масъалаҳо, равишҳои таҳлилӣ ва усулҳо метавонанд амиқтар ва мукаммалтар таҳлили муқоисавӣ карда шаванд, махсусан дар соҳаи ҳарбӣ, кумакҳои башардӯстони байни кишварҳо ва робитаҳои фарҳангӣ.

3. **Робитаҳои иҳтисодии байни кишврҳо ба таври муфассал инъикос карда нашудааст**. Бояд ҳаҷми гардиши мол дар ҳар як соҳа таҳлил карда мешуд, ки ба пурра гардидани таҳқиқоти илмӣ мусоидат менамуд.

4. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасад.

Аммо эродҳои зикршуда хислати тавсиявӣ дошта, ислоҳпазир мебошанд ва ба мазмуну мундариҷаи илмию амалии кори диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд. Тавре ки қайд гардид, камбудиҳои мавҷуда метавонанд бо ворид намудани якчанд ислоҳоти хурд дар таҳлили баъзе мавзуъҳо ё афзоиши гуногунрангии манбаъҳо ислоҳ шаванд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, ки ба таҳқиқоти сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон равона гардидааст, ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** сохтор ва мазмуни диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» ба талаботи бандҳои 31-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои таърих, и.в дотсенти
кафедраи дипломатия ва муносибатҳои
байналмилалии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода Фаридун Толибҷон

Имзои Ф.Т. Бобозодаро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Фаромуз

05.03.2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33,
тел.: (+992) 37-224-89-45, 901–11–20–02, E-mail: bfarid@list.ru
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон